Нусха

аз қарори №6-и ҷаласаи муштараки кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ва кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

аз 28-уми январи соли 2022 ш-ки Данғара

Иштирок доштанд: мудири кафедра, саромӯзгор Давлатов У.М., д.и.ф., профессор Саидчаъфаров О.Ш., дотсентон: н.и.ф., дотсент Қодиров Д.С., н.и.ф., дотсент Пирхонова Қ., н.и.ф., дотсент Самардинов Қ.Н., н.и.ф., дотсент Саидов Ҷ.З.

Рӯзномаи маҷлис:

1. Баррасии рисолаи номзадии унвонҷӯй Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович дар мавзуи «Лексикаи «Кимиёи саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ

Шунида шуд:

Аввалан суханронии мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара саромӯзгор Давлатов У.М. дар мавриди оғози кори ҷаласаи муштарак шунида шуд. Аммо аз сабаби надоштани дараҷа ва унвони илмӣ идомаи кори ҷаласаро ба н.и.ф., дотсент Қодиров Д.С. вогузор карданд, ки бо тариқи овоздиҳӣ аз ҷониби аъзои ҷаласа дастгирӣ ёфт. Пас аз он раискунанда барои чанде аз ибрози андеша суханро ба диссертант доданд, ки доир ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, тавсифи умумии таҳқиқ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва

амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ибрози назар намуда, ёдовар шуд, ки рисола аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса ва феҳрасти манобеи истифодашуда иборат аст. Диссертант дар хусуси масъалаҳои дар боло зикргардида назари худро баён дошта, таҳқиқоти хешро дар доираи асари «Кимиёи саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ бори аввал медонад.

Баромад карданд:

Баъд аз баромади диссертант аз ҷониби устодон: д.и.ф., профессор Саидҷаъфаров О.Ш., н.и.ф., дотсент Пирхонова Қ., н.и.ф., дотсент Самардинов Қ.Н., Саидов Ҷ.З. н.и.ф., дотсент Қодиров Д.С. ва Давлатов У.М., доир ба мавзуи зери назар қарордошта саволҳо пешниҳод карданд, ки ба ҳар яки он диссертант ҷавобҳои қаноатбахш дод. Баъди ҷавоб ба саволҳои пешниҳодшуда рисола мавриди муҳокима қарор дода шуд. Дар муҳокима устодон д.и.ф., профессор Саидҷаъфаров О.Ш., н.и.ф., дотсент Пирхонова Қ., н.и.ф., дотсент Самардинов Қ.Н., Саидов Ҷ.З., н.и.ф., дотсент Қодиров Д.С., ки корро чанде пеш дастрас карда, зери назари худ қарор дода буданд, фикру молоҳизаҳои худро баён доштанд. Ҳамзамон н.и.ф. Назаров Меҳрубон, ки дар баррасии мавзуи мазкур бо баъзе сабабҳо ширкат варзида натавонист, тақризи худро бо муҳру имзои МТОК-и хеш фиристода, мавқеи худро нисбати кори Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович муайян кард. Аз ин рӯ, тақризи устод бо розигии худи он ва розигии иштирокдорон аз ҷониби котиби ҷаласа хонда шуд. Дар муҳокима қисми зиёди он камбудиву норасоиҳое, ки аз ҷониби устодон пешниҳод гардида буд, диссертант онҳоро қабул намуда, дар робита ба он эродҳое, ки розӣ набуд, мавқеашро мушаххас намуд.

Ҷаласа масъаларо шунида, баррасӣ намуда, қарор қабул кард:

1. Рисолаи номзадии Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович дар мавзуи «Лексикаи «Кимиёи саодат»-и Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ баъд аз ислоҳи эродҳои ҷойдошта ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Раискунанда, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Д.С. Қодиров

Котиби илмӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Қ.Н. Самардинов

Имзои Д.С. Қодиров ва Қ.Н. Самардиновро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара
«31» 01 2022. Н.Ҷ. Ҷабборӣ

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА